Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-48-и назди
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
(735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика)**

Фанни физика яке аз илмҳои муосири табиӣ ба ҳисоб рафта, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бештар қисмати физикаи умумӣ таълим дода мешавад. Дар амалияи педагогии таҳсилоти олии касбӣ шаклҳо ва низомҳои гуногуни таълим истифода бурда мешаванд, аз ҷумла низоми муносибати босалоҳият ба таълими фанни физикаи умумӣ. Муносибати босалоҳият ба таълим бояд дар доираи ҳама талаботи принсипҳои дидактикӣ ташкил карда шавад. Аммо дар ин самт то ҳол мушкилиҳои зиёд мавҷуданд, ки масъалаҳои мубрами илми методикаи таълими физика ба ҳисоб рафта, зарурат ба ҳалли онҳо ба миён омадааст. Ин боиси он гардидаст, ки довталабаи дараҷаи илмӣ **Аламова Хатичамо Туйбошиевна** ба ҳалли яке аз ин мушкилиҳо бо татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим шуруъ намудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии самти ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) навишта шудааст ва бо ихтисоси номбаршуда пурра мувофиқ мебошад. Диссертатсия мутобиқ ба бандҳои 2, 4, 8, 14, 20, 21. 28 ва 29 шиносномаи ихтисосҳо аст.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия**. Мубрамии мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ дар муқаддимаи диссертатсия оварда шудааст. Ба муносибати босалоҳият ба таълими фанни физика равона гардидааст. Оид ба масъалаҳои методика, технология, назария ва мундариҷаи таҳсилоти муосири табиӣ ва илмӣ олимони хориҷию ватании зиёде ба корҳои илмӣ-тадқиқоти машғул шуда бошад, ҳам то ҳол масъалаи муносибати босалоҳият ба таълими фанни физика ҳалли худро наёфтааст. Ин мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамояд ва мавзӯи диссертатсияи мазкур дар ҳақиқат мавзӯи мубрами илми методикаи таълими физика дар МТОК мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Навгониҳои дар доираи диссертатсия бадастовардаи довталаб, асоснок намудан ва пешниҳод кардани асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба

таълими физикаи умумӣ барои омода намудани омӯзгорони ояндаи физика мебошад. Ин раванд ба омӯзиши донишҷӯён барои ташкил ва татбиқи низоми мазкур асоснок карда шудааст. Коркарди амсилаи омода намудани омӯзгорони физика ва технологияи омода намудани омӯзгорони физика навгониҳои дигари кори диссертатсионӣ аст. Дараҷаи салоҳият дар ташкил ва татбиқи низоми муносибати босалоҳият ба сатҳи корбарӣ, сатҳи технологӣ ва сатҳи касбӣ муайян карда шудааст. Салоҳиятнокии ТИК донишҷӯён ҳамчун ташкилаи сохторӣ баррасӣ мегардад, ки ҷузъҳои маърифатӣ, тамоюлӣ, амалиётӣ, маромӣ ва арзиширо дар бар мегиранд. Дар ин асос дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии ТИК донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни физика ошкор ва тавсиф карда шуданд.

**Ҳадаф, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**. Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз коркард намудани тарзи нави ташкил ва гузаронидани дарс дар низоми муносибати босалоҳият, ташаккулдиҳии донишҳои донишҷӯёни соҳаи ба физика ва ТИК вобаста ба ҳисоб рафта, барои ба бозори меҳнати ҷаҳонӣ рақобатпазир омода намудани омӯзгорони оянда иборат мебошад. Ҳадафи кори тадқиқотӣ дар коркарди раванди омӯзиши фанни физика тавассути методи ташаккули салоҳиятмандии ТИК донишҷӯён ифода меёбад. Боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогии дар самти муносибати босалоҳият, озмоишҳо дар ин соҳа, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, вебинарҳо дар мавзӯи омодасозии омӯзгорони ояндаи физика барои фаъолият дар низмои муносибати босалоҳият табиқшавандаанд. Барои дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои илмии диссертатсия тавсияҳо оварда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Аламова Х.Т. 12 интишороти муаллифӣ дар доираи диссертатсия ба нашр расонида шудааст, ки аз онҳо 4-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида буда, беҳаммуаллифӣ мебошанд. Ин миқдор ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Боқимонда 8-тоашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо банашррасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Дар умум диссертатсия тибқи талабот ба расмият дароварда шуда, аз 176 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, қисми асосии диссертатсия (бе ҳисоби бахши номгӯи адабиёт) 155 саҳифаро дар бар мегирад. Диссертатсия аз бахшҳои “Ихтисораҳо”, “Муқаддима” ва “Тавсифи умумии диссертатсия” иборат аст. Ҳама ихтисораҳои овардашуда дар диссертатсия истифода шудаанд. Дар бахши муқаддима мубрамии мавзӯи интихобгардида, дараҷаи тадқиқи мавзӯи илмӣ ва робитаи тадқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ дарҷ гардида, ному насаби олимони ватанию хориҷӣ, ки пештар вобаста бо

мавзӯи диссертатсияи мазкур корҳои тадқиқотӣ бурдаанд, нишон дода шудааст. Бахши “Тавсифи умумии диссертатсия” чун қоида аз мақсад, вазифаҳо, объект, мавзӯъ, фарзия ва марҳилаҳои тадқиқот иборат аст. Дар фарзия қайд карда шудааст, ки коркарди салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии ҶТ, ки ба сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқ мебошад, бе истифодабарии ТИК имконнопазир мебошад. Марҳилаҳои тадқиқот аз чор марҳила иборат буда, аз соли 2018 оғоз гардида, соли 2023 ҷамъбаст гардидааст. Асосҳои назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҳамин бахш нишон дода шудааст. Нишон дода шудааст, ки натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар раванди таълими физика ва ТИК истифода бурда мешаванд.

Диссертатсияи мазкур аз ду боб иборат буда, боби якум аз се бахш ва боби дуюм аз се бахш иборат аст. Ҳар ду боби диссертатсия бо хулоса ба охир мерасанд. Дар боби якум корҳои тадқиқотӣ оид ба ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ донишҷӯён дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои хуби илмӣ ба даст оварда шудаанд. Боби дуюм бошад, ба корҳои тадқиқотӣ дар самти ташкили истифодаи малакаҳои ташаккули салоҳиятҳои ТИК ҳангоми омӯзиши фанни физикаи умумӣ бахшида шудаст. Хулосаи боби дуюм аз 8 банд иборат буда, муайян карда шудааст, ки дар шароити имрӯза раванди таълиму тарбияро бе истифодаи васеи воситаҳои техникӣ ва технологияҳои муосир ва бе низоми босалоҳият ба таълим тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба усули анъанавии таҳсилот тағйирот ворид карда, дар баробари он низоми муносибати босалоҳият ба таълими физикаро низ бештар ба роҳ гузоштан лозим аст.

Қисмати охири асосии диссертатсия аз бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо» иборат аст. Аз ин қисмат дида мешавад, ки довталаби дараҷаи илмӣ ба навгониҳои хуби илмӣ ноил гардида, фарзияи гузошташуда тасдиқи худро ёфтааст ва довталаби дараҷаи илмӣ ба мақсади худ расидааст. Аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсия ҳамчунин ба омӯзгорони босалоҳияти фанни физика ва самту соҳаҳои дигар, махсусан, устодони донишгоҳу донишкадаҳо дарсу машғулиятро ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст.

Дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ исбот гардидааст, ки дараҷаи рушди донишҳои шахсӣ ва муътақид будани донишҷӯён ба зарурияти чунин донишҳо метавонад яке аз меъёрҳои арзёбии методҳо ва мундариҷаи таълими фанни физика бошанд. Парокандагии тафаккур, ки дар мавриди он донишҳои донишҷӯён амалҳои онҳоро идора намекунанд, ҳамон вақте бартараф мегардад, ки зарурат ба маводи азхудшаванда барои шахс дарк карда мешавад. Аз ҷониби донишҷӯён дарк гаштани ҷойгоҳ ва нақши донишҳои физикӣ дар системаи донишҳои онҳо ба муносибати инфиродӣ нисбати донишҳои физикӣ боис мегардад.

Дар охири диссертатия бахши “Номгӯи адабиёт” ҷойгир карда шудаанд. Бахши “Номгӯйи адабиёт” аз зербахшҳои “Фехристи

сарчашмаҳои истифодашуда" ва "Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ" иборат буда, зербахши дуюмаш дорои ду зербахши дигар аст. Дар зербахши "Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда" номгӯйи 184 адабиёти истифодашуда оварда шудаанд.

Дар умум сохтори диссертатсия ва дастгоҳи илмии он ба ҳама талабот ҷавобгӯй аст.

Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро нишон медиҳад ва ба талабот ҷавобгӯй аст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола каме норасогиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рӯйхати 1-3 интишороташ довталаб насабашро "Алимова" дарҷ кардааст, интишороти 4-умаш нодуруст барасмият даровардa шудааст.
2. Марҳилаи чоруми кори тадқиқотӣ "марҳилаи сеюм" дарҷ шудааст.
3. Миқдори саҳифаҳои диссертатсия дар саҳифаи 17 нодуруст нишон дода шудааст.
4. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар диссертатсия баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Масалан, дар саҳифаи 142-и диссертатсия, сатри сеюм калимаи "омӯхта" не, "омода", ё дар саҳифаи 147 бояд "иттилооти" бошад.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Тибқи талабот онҳоро дар ғалатнома нишон додан зарур аст.

**Хулоса**. Натиҷаҳои илмии тадқиқоти мазкур муҳтавои асосии соҳаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълими физика ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби тадқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асосноккунии назариявии ташкили методии дарсҳо бо низоми муносибати босалоҳият дар таълим дар шароити муосири омодасозии омӯзгорони оянда ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй дар МТОК Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии сифати таълим дар МТОК бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва методикаи таълиму тарбия дар низоми муносибати босалоҳият дар таълим, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таълими физика мебошанд, дар рушди методикаи таълими физика дар МТОК саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои

диссертатсионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, технологияи иттилоотӣ, усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои тадқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, озмоишҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо ва нашри маводи илмии тадқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Сохтори диссертатсия ва дастгоҳи илмии он дар умум ҷавобгӯй ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 сол ва тағйиротҳо ба он аз санаи 26.06.2023 сол) ва тавсияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст (бо ҳисоби тағйиротҳо аз санаи 26.06.2023 сол), ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи технологияи
информатсионӣ ва коммуникатсионии — Назаров
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон — Аҳтам
ба номи Садриддин Айнӣ — Пулотович
Тел: (+992) 908-08-2384; E-mail: ahtam_69@mail.ru

Имзои Назаров А.П. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — А. Мустафозода